# ҚАРОРИ

## Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-023-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 19.04. 2024** **ш. Душанбе**

Таҳқиқоти диссертатсионии **Каримова Дилором Отахӯҷаевна** таҳти унвони “Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ (дар заминаи матнҳои тахассусӣ), аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ

**Шербоев Саидбой -** докторӣ илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

**Котибова Шарифамоҳ Пирмаҳмадовна** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигарии такмили стандарт барномаҳои таълимию китобҳои дарсии таҳсилот дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**,**

баромади муқарризони ғайрирасмӣ – профессорон М.Лутфуллозода, М.О.Солехов, Г.М. Ҳоҷиматова, Д.Р.Хомидов, Г.Б.Мухаметов-ро Каримовро шунида ва муҳокима намуда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи **Каримова Дилором Отахӯҷаевна**

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи **Каримова Дилором Отахӯҷаевна** дар мавзӯи **“Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ (дар заминаи матнҳои тахассусӣ)**”, аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ – ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни 2021 №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд;
3. Ба **Каримова Дилором Отахӯҷаевна** дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба **Каримова Дилором Отахӯҷаевна** дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогиро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Тарафдор? – Ҳама.

Муқобил? - Нест.

Бетараф? - Нест.

Бо як овоз қабул шуд.

Иҷозат фармоед, Каримова Дилором Отахӯҷаевна -ро барои ҳимояи бомуваффақияти диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз номи худам ва аз номи Шӯрои диссертатсионӣ самимона табрик намоям.

Роҳбари илмӣ, **Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро табрик мегӯям ва барои дар самти омода кардани мутахассисони илми педагогика ва муҳаққиқон заҳмат мекашанд, як ҷаҳон сипос баён мекунам.

Ба муқарризони расмӣ, муассисаи тақриздиҳанда, муқарризони ғайрирасмӣ барои пешниҳоди тақризҳои мусбат ва ҳамкориҳои судманди илмӣ бо Шӯрои диссертатсионӣ ташаккури бепоён баён мекунам.

Ба ҳамаи аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо ҳузури худ, пешниҳоди саволҳо ва муҳокимаю андешаҳои муфиди худ дар кори имрӯзаи ҷаласа иштирок намуда, ба унвонҷӯ маслиҳатҳои олимона доданд, изҳори ташаккуру сипос менамоям. Ба ҳамаи меҳмонон ва ҳозирини гиромӣ ташаккур.

Бо ҳамин кори шӯрои диссертатсионӣ оид ба ҳимояи диссертатсияи **Каримова Дилором Отахӯҷаевна** ба анҷом расид.

**Раиси**
**шӯрои диссертатсионӣ 6D.КОА-023** ________ **Мухаметов Г.Б.**

**Котиби илмии**
**шӯрои диссертатсионӣ 6D.КОА-023** ________ **Рузиева Л.Т.**

**19.04. 2024**